**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 2 октябри соли 2012,**
**№ 512 тасдиқ шудааст**

# Барномаи давлатии сифат барои солҳои 2013-2015

## 1. Муқаррароти умумӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллиро дар афзоиши содирот ва такмилдиҳии сохтори он аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти босифат, ҷавобгӯ ба талаботи бозори ҷаҳонӣ, бо сарфаҷӯии захираҳо ва аз ҷиҳати экологӣ тоза муайян намудааст.

Баланд бардоштани сифати молу хизматрасониҳои ватанӣ барои таъмини содироти маҳсулоти молистеҳсолкунандагони ватанӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва ҳамроҳшавии давлат ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Афзоиши ҳаҷми содирот танҳо дар сурати зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва васеъ намудани номгӯи он имконпазир мебошад.

Ҳалли афзалиятноки масъалаи сифат, роҳест барои таъмини ояндаи неки ҷумҳурӣ ва вазифаи муҳими давлат маҳсуб меёбад.

Идоракунии сифат дар ҷумҳурӣ қисми таркибии маҷмӯи ягонаи идоракунии давлатии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Ҳадафҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи сифат инҳо мебошанд:

- фароҳам овардани шароит барои коркард ва истеҳсоли молҳои босифат, аз ҷиҳати энергетикӣ самаранок ва дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ рақобатпазир, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва аврупоӣ, ки талаботи истеъмолкунандагонро қонеъ мегардонад;
- мусоидат ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ тавассути бартараф намудани монеаҳои техникӣ дар савдо бо давлатҳои хориҷӣ ва дар ин замина ҳалли масъалаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин рушди афзалиятноки соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат.

Дар Барномаи давлатӣ мақсаду вазифаҳое, ки дар оянда барои баланд бардоштани имконоти содиротии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳавасмандгардонии ташкил намудани намудҳои нави маҳсулоти рақобатпазир равона гардидаанд, муайян шудаанд.

Барномаи давлатии мазкур самтҳои асосии фаъолияти вазорату идораҳо субъектҳои хоҷагидориро новобаста ба шакли моликияташон дар соҳаи баланд бардоштани сифат, ки ба зиёд гардидани имконоти содиротии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, дар истеҳсолоти саноатӣ ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадами илмӣ, солимгардонии муҳити зист, сарфаҷӯии захираҳои моддию энергетикӣ мусоидат мекунанд, муайян месозад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Барномаи давлатӣ

1. Мақсади асосии Барномаи давлатӣ, ки татбиқи сиёсати давлатро дар соҳаи сифат таъмин менамояд, аз фароҳам овардани шароит, ки барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ, дар оянда пур намудани бозори истеъмолӣ бо молҳои босифат, бехатар ва аз ҷиҳати энергетикӣ самаранок, дар истеҳсолоти саноатӣ ҷорӣ намудани усулҳо ва шаклҳои муосири идоракунии сифат, солимгардонии муҳити зист ва сарфаҷӯии захираҳои моддию энергетикӣ мусоидат мекунанд, иборат мебошад. Дар ҷумҳурӣ идоракунии давлатии сифат дар асоси пайвастагии оқилонаи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилию ботадбир, ки баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулотро таъмин менамояд, амалӣ мегардад.

2. Вазифаҳои асосии Барномаи давлатӣ инҳо мебошанд:

- дар амалия татбиқ намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва меъёрию техникӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ;
- гузаронидани сертификатсияи маҳсулот, низоми идоракунии сифат ва идоракунии муҳити зист бо мақсади тасдиқи мутобиқати онҳо ба талаботи давлатӣ ва байналмилалӣ;
- ҷорӣ намудани технологияҳои сарфаҷӯии захираҳо ва аз ҷиҳати энергетикӣ самаранок;
- ҳавасмандгардонӣ оид ба истеҳсоли намудҳои нави молҳои рақобатпазир;
- истеҳсоли намудҳои нави маҳсулоти рақобатпазир;
- рушди бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ, аз ҷумла дар соҳаи сарфаҷӯии захираҳо ва энергетикӣ;
- такмили низоми таълим ва тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи сифат;
- такмили шакл ва усулҳои идоракунии сифат дар тамоми сатҳҳои истеҳсолот;
- рушди низоми тасдиққунаыдаи мутобиқати маҳсулот, хизматрасонихо, низомҳои идоракунии ҳайати корӣ бо дарназардошти талаботи байналмилалӣ;
- такмили таъминоти иттилоотӣ дар соҳаи сифат ва рақобатпазирӣ;
- фаъол намудани корҳои тартиботӣ дар соҳаи идоракунии сифат дар ҳама самтҳои фаъолият.

3. Барномаи давдатӣ самтҳои асосии фаъолияти вазорату идораҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидориро новобаста аз шакли моликияташон дар доираи баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ бо мақсади афзоиши содирот ва қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон муайян менамояд.

## 3. Сохтори Барномаи давлатӣ

4. Барномаи давлатӣ иҷрои вазифаҳоро аз рӯи самтҳои асосии зерин пешбинӣ менамояд:

- идоракунии сифат ва баланд бардоштани имконоти содиротии молистеҳсолкунандагони ватанӣ;

- таъмини сарфаҷӯии захираҳо ва энергетикӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият;

- баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, аз ҷумла маҳсулоти хӯрокворӣ ва кишоварзии маҷмӯи сӯзишворию энергетикӣ ва саноати сабук, дар соҳаи сохтмон, дар доираи баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии хизматрасониҳо ва иҷрои корҳо;

- такмили шаклу усулҳои идоракунии сифат;

- рушди низоми баҳодиҳии мутобиқат, аз ҷумла такмили Низоми аккредитатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низоми миллии тасдиқи мутобиқати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- рушди бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ;

- рушди таъминоти метрологӣ ва заминаи техникии озмоишҳо;

- такмили таъминоти иттилоотӣ дар доираи сифат ва рақобатпазирӣ;

- ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ, стандартонӣ ва баҳодиҳии мутобиқат;

- тайёр намудани мутахассисон дар доираи идоракунии сифат;

- тарғибот дар соҳаи сифат.

5. Бо мақсади иҷрои вазифаҳои мазкур, чорабиниҳо оид ба татбиқ намудани Барномаи давлатӣ пешбинӣ шудаанд (замима 1).

## 4. Идоракунии сифат ва баланд бардоштани имконоти содиротии молистеҳсолкунандагони ватанӣ

6. Баланд бардоштани сатҳи техникии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулот бояд дар асоси истифодабарии дастовардҳои илм, ҷорӣ намудани технологияҳо ва маводи нави пешқадам, бо дарназардошти сарфаҷӯии захираҳои энергетикӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза ба роҳ монда шавад. Бо вуҷуди ин, таъмин намудани сатҳи илмию техникии маснуот ва маводи коркардшаванда зарур мебошад. Дар Барномаи давлатӣ чорабиниҳое, ки ба баланд бардоштани сифат ва сатҳи техникии махсулот (корҳо, хизматрасониҳо), истеҳсоли намудҳои нави рақобатпазир ва дурнамои он, барномаҳои илмию техникии давлатӣ равона гардидаанд, дохил мешаванд. Воситаи самарабахши баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот, таҳия ва татбиқи барномаҳои минтақавӣ ва соҳавӣ оид ба сифат маҳсуб меёбад.

## 5. Сарфаҷӯии захираҳо ва энергетикӣ

7. Самаранокии энергетикӣ ва таъмини амнияти энергетикӣ кафили боэътимоди даромаднокии фаъолияти корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт, баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мебошад. Барномаи давлатӣ чорабиниҳоро оид ба таъмини сарфаҷӯии захираҳо ва энергетикӣ дар соҳаҳои гуногуни саноат ба нақша мегирад.

8. Самтҳои афзалиятнок дар ин соҳа аз инҳо иборатанд:

- таҳияи стандартҳои давлатӣ дар соҳаи сарфаҷӯии захираҳо ва энергетикӣ, ки муносибати маҷмӯавиро ҷиҳати муқаррар намудани

талабот ба захираҳои сӯзишворию энергетикӣ, воситаҳои баҳисобгирӣ ва назорати онҳо, маҳсулоти истифодабарандаи энергия, гарминигоҳдории иншоот ва биноҳо, масолеҳи гарминогузар, истифодаи партовҳои истеҳсолот таъмин менамояд;

- ба номгӯй дохил намудани нишондиҳандаҳое, ки мутобиқати ҳатмии тасдиқ ва самаранокии энергетикии асбобҳои барқии маишӣ доранд;

- таъмини ҳамоҳангии стандартҳои давлатӣ бо стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар қисми нишондиҳандаҳои сарфаҷӯии энергетикӣ;

- ба маълумоти истеъмолкунандагон расонидани иттилооти муқоисавӣ ҳангоми истифодабарии асбобҳои барқиву газии маишӣ (тафдонҳо, яхдонҳо, мошинҳои ҷомашӯӣ, кондисионерҳо, лампаҳои барқӣ);

- гузаронидани корҳо оид ба таъминоти метрологии самаранокии энергетикӣ;

## 6. Баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии намудҳои асосии маҳсулот ва хизматрасониҳо

9. Самти муҳими фаъолияти ташкилотҳо, баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда ба ҳисоб меравад. Дар Барномаи давлатӣ чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирӣ чунин тарҳрезӣ гардидаанд:

- оид ба маҳсулот, аз ҷумла таҳияи регламентҳои техникӣ ва стандартҳои давлатии ба ҳамдигар алоқаманд барои маҳсулоти саноатӣ, ки бо стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳанг шудаанд, стандартҳои давлатӣ бо нишондиҳандаҳои бартаридоштаи истеъмоли энергия барои гурӯҳҳои гуногуни мошину таҷҳизот, ки ба таври марҳилавӣ баланд бардоштани талабот ба самарабахшии энергетикиро пешбинӣ менамояд;

- оид ба маҳсулоти хӯрокворию кишоварзӣ, аз ҷумла таҳияи регламентҳои техникӣ ва стандартҳои давлатии ба ҳамдигар алоқаманд барои маҳсулоти хӯрокворӣ ва кишоварзӣ, ки бо стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳанг шудаанд, таҳияи усулҳои нави назорати моддаҳои зараровар дар шир ва маҳсулоти ширӣ;

- оид ба маҳсулоти маҷмӯаи сӯзишворию энергетикӣ ва коркарди нафтӣ, аз ҷумла таҳияи маҷмӯи стандартҳои давлатие, ки истеҳсоли намудҳои нави ин гуна маҳсулот ва намудҳои алтернативии сӯзишвориро таъмин менамояд.

10. Баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии молҳои саноати сабук тавассути коркард ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири истеҳсоли намудҳои маҳсулоти нав, ҷорӣ намудани стандартҳои нав дар маҳсулоти саноати сабук ба нақша гирифта мешавад. Бинобар ин, барои баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии масолеҳ дар соҳаи сохтмон, аз ҷумла истеҳсоли намудҳои нави масолеҳи баландсифати сохтмонӣ, таҳияи маҷмӯаи стандартҳои давлатӣ, ки ҳангоми сохтмон ва ба истифода додани иншооти истеҳсолии хатарнок хавфи садамавиро паст менамояд, ҷорӣ намудани сертификатсияи ҳатмии масолеҳе, ки дар сохтмони роҳҳо

мавриди  истифода қарор мегиранд, нақшаи чорабиниҳо тартиб дода мешавад.

11. Дар маҷмӯи ин чорабиниҳо таҳияи таъминоти методии ҷорӣ намудани сертификатсияи ҳатмии хизматрасониҳо пешбинӣ шудааст:

- хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳо ва ҷойҳои (иншооти) дигари ҷойгиркунӣ;
- хизматрасонӣ ҳангоми интиқоли бору мусофирон тавассути роҳи оҳан ва нақлиёти автомобилӣ;
- нуқтаҳои хизматрасонии техникии нақлиёти автомобилӣ;
- хизматрасонӣ дар соҳаи сохтмон;
- хизматрасонӣ дар ҳаммом, сауна ва ҷомашӯйхонаҳо;
- таъмир ва хизматрасонии техникии асбобу дастгоҳҳои барқию маишӣ;
- истеҳсоли мебел аз рӯи фармоиши инфиродии аҳолӣ.

## 7. Такмили шакл ва усулҳои идоракунии сифат

12. Дар ҳалли масоили баланд бардоштани сифат, имконоти содиротии корхонаҳои ҷумҳурӣ новобаста аз шакли моликияташон ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои маҷмӯавӣ оид ба ҷорӣ намудани низоми идоракунии самтҳои мухталифи фаъолияти ташкилотҳо - сифат, экология, ҳифзи меҳнат ва масъулияти иҷтимоӣ нақши калон мебозанд.

13. Дар ҳалли масоили баланд бардоштани сифат, имконоти содиротии корхонаҳои ҷумҳурӣ новобаста аз шакли моликияташон, фаъолияти минбаъда оиди дар ташкилотҳои соҳаҳои гуногуни саноатӣ ба роҳ мондани низоми идоракунии сифат дар заминаи стандартҳои байналмилалии ИСО силсилаи 9000 нақши муҳимро мебозад.

14. Дар Барнома ба фаъолияти минбаъда оид ба таҳия ва ҷорӣ намудани низоми идоракунии экологӣ дар корхонаҳои ҷумҳуриро новобаста аз шакли моликияташон дар заминаи стандартҳои байналмилалии ИСО силсилаи 14000 диққати калон дода шудааст.

15. Барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти хӯроквори гузаронидани чунин чорабиниҳои Барномаи давлатӣ, аз қабили ташкил ва таъмини фаъолияти низоми идоракунии сифат ва амнияти  маҳсулоти хӯроквори дар асоси принсипҳои НАССР (Низоми таҳлили таваккалҳо ва назорати нуқтаҳои таҳдидомез), ҷорӣ намудани низоми менеҷменти амнияти маҳсулоти хӯроквори мутобиқи талаботи ИСО 22000 мусоидат мекунад.

16. Дар Барномаи давлатӣ рушди корҳо оиди ҷорӣ намудан ва сертификатсияи низоми идоракунии аз рӯи стандарҳои байналмилалӣ дар корхонаҳои ҷумҳурӣ новобаста аз шакли моликияташон пешбинӣ карда шудааст.

17. Дар Барномаи давлатӣ таҳияи таъминоти  методии  баланд бардоштан ва назорати сифати гурӯҳҳои мушаххаси маҳсулоти хӯрокворӣ, кишоварзӣ ва дигар гурӯҳҳо ба нақша гирифта шудааст. Инчунин таҳияи таъминоти методии ҷорӣ намудани низоми идоракунии ҷанбаҳои гуногуни

фаъолияти ташкилотҳо: сифат, экология ва ғайраҳо ба назар гирифта шудааст.

### 8. Рушди низоми баҳодиҳии мутобиқат

18. Иқтисодиёти бозаргонии муосир талаботи баландро ба сифати маҳсулот ва тасдиқи қобилияти истеҳсолкунандагонро дар самти истеҳсоли маҳсулоти босифат нишон медиҳад. Дар таҷрибаи истеҳсолоти ватанӣ ва ҷаҳонӣ тасдиқи мутобиқати маҳсулот, сертификатсияи хизматрасониҳо ва низоми идоракунӣ ба қатори воситаҳои самарабахши баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии онҳо дохил мешаванд, Барномаи давлатӣ такмили низоми баҳодиҳии мутобиқат ва истифодаи механизмҳои тасдиқи мутобиқатро бо дарназардошти принсип ва муносибатҳо, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ қабул гардидаанд, пешбинӣ менамояд.

19. Бо дарназардошти он, ки ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба баҳодиҳии мутобиқат мунтазам талаботро ба аккредитатсия такмил медиҳанд, гузаронидани маҷмӯи корҳо ҷиҳати рушди Низоми аккредитатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мутобиқгардонии талаботи Низоми мазкур бо фаъолияти байналмилалӣ оид ба аккредитатсия (барои таъмини эътироф дар сатҳи байналмилалӣ) зарур шуморида мешавад.

### 9. Рушди бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ

20. Сиёсати имрӯзаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамоҳангии самарабахш ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва савдо тавассути тавсеаи робитаҳои савдо ва ҳамроҳшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо равона шудааст. Рушди Низоми бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ пеш аз ҳама ба такмил додани қонунгузориҳое, ки иҷрои Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдоро (СУС) оид ба монеаҳои техникӣ дар савдо (ТБТ) бо дарназардошти принсипҳои нав ва муносибатҳои глобалӣ бо бамеъёрдарории техникӣ таъмин мекунанд, асос мегирад.

21. Гузариш ба низоми бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ мутобиқи қоидаҳои байналмилалӣ барои тақвияти рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ шароит фароҳам сохта, ба дастрасии маҳсулоти ватанӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

22. Бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ дар Барномаи давлатӣ инчунин ҳамоҳангии санадҳои техникию меъёрии дар соҳаҳои истеҳсолот амалкунанда ва ҳуҷҷатҳо бо талаботи стандартҳои байналмилалӣ пешбинӣ гардидаанд.

23. Дар Барномаи давлатӣ гузаронидани чорабиниҳо оиди татбиқи консепсияи амнияти энергетикӣ барои барқарор намудани талабот ҷиҳати истифодаи манбаъҳои энергетикӣ, дар доираи сарфаҷӯии энергетикӣ ва бамеъёрдарории нишондиҳандаҳои сатҳи истифодаи нерӯи барқ дар истеҳсоли намудҳои мушаххаси маҳсулот пешбинӣ карда шудаанд.

24. Бо мақсади таъсиси низоми ягонаи иттилоотии ҳифзи бозор ва истеъмолкунандагон аз маҳсулоти бесифат, дар чорабиниҳои Барномаи давлатӣ таҳияи санадҳои меъёрию техникӣ ва ҳуҷҷатҳо, инчунин таъсиси

низоми ҷамъоварӣ ва мубодилаи иттилоот доир ба маҳсулот, ки барои ҳаёт ва саломатии одамон ва муҳити зист хатарнок мебошанд, дохил гардидааст.

### 10. Рушди таъминоти метрологӣ ва заминаи техникии озмоишҳо

25. Рушд ва такмили заминаи озмоишӣ бо мақсади таъмини санҷиши маҳсулот мутобиқи талаботи регламентҳои техникӣ ва алоқамандии стандартҳои давлатӣ, инчунин стандартҳои байналмилалӣ барои баланд бардоштани имконоти ташхисии молистеҳсолкунандагони ватанӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Чорабиниҳои Барномаи давлатӣ ташкили озмоишгоҳҳои санҷиширо ҷиҳати санҷиши воситаҳои технологияи иттилоотӣ, дастгоҳҳои рақамӣ, воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизоти онҳоро, ки зери фишор кор мекунанд, пешбинӣ менамояд.

26. Дар Барномаи давлатӣ чорабиниҳо оиди таъминоти метрологии самаранокии энергетикӣ дохил гардидаанд:

- ташкили низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии нерӯи барқ дар корхонаҳо, ноҳияҳо ва таҳияи тартиби гузаронидани хизматрасонии метрологӣ, таъмини санҷиши асбобҳои баҳисобгирии тиҷоратии энергияи барқ ва гармӣ, газ, об, истеҳсоли дастгоҳҳо барои санҷиши ҳисобкунакҳои газ;

- такмили озмоишгоҳҳо ва азхудкунии усулҳои назорати физикию кимиёвии таркиби маводи сӯзишворию молиданӣ.

27. Бо мақсади пешниҳоди имконот ба ташкилотҳои ҷумҳурӣ ва тасдиқи мутобиқати маҳсулот бо талаботи қонунгузории байналмилалӣ дар Барномаи давлатӣ чорабиниҳо оиди аккредитатсияи мақомот ва озмоишгоҳҳои санҷишие, ки тасдиқи мутобиқати маҳсулотро тибқи талаботи байналмилалӣ амалӣ мекунанд, дохил карда шудаанд.

### 11. Такмили таъминоти иттилоотӣ дар соҳаи сифат ва рақобатпазирӣ

28. Баланд бардоштани сифати молҳо ва хизматрасониҳо бевосита аз беҳтар намудани иттилоотонии корхонаҳои ҷумҳурӣ новобаста аз шакли моликияташон, ки маҳсулот истеҳсол мекунанд ва истеъмолкунандагон оиди талабот ба сифат ва шароитҳои таъмини он вобастагӣ дорад. Бинобар ин, ба таври ҷузъӣ нақши таъминоти иттилоотии робитаҳо дар соҳаи сифат меафзояд.

29. Барномаи давлатӣ тавсеаи манбаъҳои иттилоотиро дар доираи фаъолияти Маркази миллии иттилоотӣ оид ба монеаҳои техникӣ дар соҳаҳои савдо, санитария ва тадбирҳои фитосанитарӣ (минбаъд ММИ оиди ТБТ ва СФС), рушди низоми таъминоти иттилоотиро дар доираи низоми нави давлатии бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ, ташкили маводи иттилоотии сатҳи муосир ва аҳамияти умумидавлатидоштаро ба нақша мегирад.

30. Рушди заминаи иттилоотӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ, баҳодиҳии мутобиқат ва идоракунии сифат ба амал баровардани самтҳои зеринро ба нақша мегирад:

- таъсиси фонд ва махзани маълумоти техникии регламентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамоҳангсозии онҳо бо стандартҳо, инчунин регламентҳои техникӣ ва стандартҳои давлатҳои шарикони иқтидорӣ дар савдо;

- васеъ намудани фонд ва махзани маълумоти интиқоли стандартҳои байналмилалӣ, аврупоӣ ва миллии давлатҳои пешқадами хориҷӣ ба сифати замина ҷиҳати ҳамоҳангсозии стандартҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- рушди низоми таъминоти иттилооти актуалӣ дар бораи стандартҳои давлатӣ ва байналмилалӣ;

- рушди низоми хизматрасониҳо дар асоси технологияи иттилоотӣ, ки ба наздик намудани захираҳои фонди давлатии стандартҳо ба истифодабарандагон равона шудааст.

## 12. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ, стандартонӣ ва баҳодиҳии мутобиқат

31. Баланд бардоштани имконоти содиротии молистеҳсолкунандагони ватанӣ новобаста аз шакли моликияташон барои гузаронддани корҳо дар доираи кумитаҳои техникии ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба стандартонӣ, Ташкилоти байналмилалӣ оид ба стандартонӣ (ИСО) ва Комиссияи байналмилалии электротехникӣ (МЭК), корҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузориҳо дар соҳаи танзими техникӣ дар доираи давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), Созмони иқтисодии Осиё ва Аврупо (ЕврАзЭС), Шӯрои байнидавлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология ва сертификатсия (МГС), Ассотсиатсияи байниминтақавӣ оид ба стандартизатсия (МАС), ҳамкорӣ бо Ташкилоти аврупоӣ оид ба сифат, Фонди аврупоии идоракунии сифат, ташкилотҳои минтақавӣ оид ба сифат, рушди ҳамкории Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия, ва назорати савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти миллӣ оид ба сертификатсия ва аккредитатсияи давлатҳои Аврупо, Осиё ва манотиқи дигари ҷаҳон дар қисми ба имзо расонидани созишномаҳои дуҷонибаю бисёрҷониба оид ба эътирофи мутақобилаи натиҷаҳои фаъолият дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат мусоидат мекунад.

32. Дар Барномаи давлатӣ таҳкими минбаъдаи робитаҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ, аврупоӣ ва миллии хориҷӣ оид ба стандартонӣ барои таъмини дастрасӣ ба маводи захираҳои иттилоотии хориҷӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ, стандартонӣ ва баҳодиҳии мутобиқат ва дарназардошти талаботи байналмилалии муосир ба сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо дар сурати истеҳсоли намудҳои нави он пешбинӣ мешавад.

## 13. Тайёр намудани кадрҳо дар соҳаи идоракунии сифат

33. Бо мақсади дар ҷумҳурӣ ташкил намудани ҳайати кормандони донандаи масъалаҳои идоракунии сифат ва қобилияте, ки метавонад масоилро оиди баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирӣ ҳал намояд,

дар Барномаи давлатӣ номгӯи чорабиниҳо оиди баланд бардоштани тахассус ва бозомӯзии кадрҳо, такмили дастурҳои таълимию методӣ дохил карда шудааст.

34. Тайёр намудани кадрҳо оид ба масоили ташкил ва ҷорӣ намудани низоми идоракунӣ дар заминаи стандарҳои байналмилалии ИСО силсилаи 9000, ИСО силсилаи 14000 тавассути дар вазорату идораҳо ва субъектҳои хоҷагидор новобаста аз шакли моликияташон татбиқ намудани барномаҳои гуногунсатҳи омӯзиши кадрҳо ба нақша гирифта мешавад.

35. Чорабиниҳои Барномаи давлатӣ дар доираи такмили ихтисос ва тайёр намудани кадрҳо, таълими мутахассисони ташкилотҳои соҳаҳои мухталифи истеҳсолоти технологияи пешқадам; баланд бардоштани омодагии мутахассисони ҳамаи сатҳҳо оид ба масъалаҳои бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ, баҳодиҳии мутобиқат, метрология ва идоракунии сифат; тайёр намудани мутахассисони ҷумҳурӣ аз рӯи шакли мақсадноки таълим дар муассисаҳои таълимии олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ менамоянд.

## 14. Тарғибот дар соҳаи сифат

36. Сиёсати давлат дар соҳаи сифат танҳо дар он сурат бомуваффақият амалӣ мегардад, ки агар чорабиниҳои ташкилӣ ва тарғибот дар соҳаи сифат ҳам дар сатҳи ташкилотҳо ва ҳам дар сатҳи давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии идоракунӣ ба роҳ монда шавад.

37. Барои баланд бардоштани сифат чорабиниҳои Барномаи давлатӣ оид ба тарғиботи фаъол дар васоити ахбори умум доир ба масоили сифат ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ, ташкил ва гузаронидани семинару конференсияҳо оид ба масоили бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ, баҳодиҳии мутобиқат ва идоракунии сифат мусоидат мекунанд. Барои ҳавасмандгардонии ташкилотҳо, ки дар соҳаи сифати маҳсулот ба дастовардҳои назаррас ноил шудаанд, инчунин усулҳои самарабахши идоракунии сифатро ҷорӣ намудаанд, дар Барномаи давлатӣ гузаронидани озмунҳои ҳарсола дар доираи сифат барои дарёфти Ҷоизаи давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои дастовардҳо дар соҳаи сифати маҳсулот ва ҳизматрасониҳо, «Молҳо ва хизматрасонии беҳтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Менеҷери беҳтарин», «Соҳибкори беҳтарин» пешбинӣ шудаанд. Иштироки фаъоли молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар намоишгоҳҳо, ярмаркаҳо, озмунҳои намоишӣ, аз ҷумла озмунҳои байналмилалӣ, инчунин барои тарғиби молҳои ватанӣ ва афзоиши содироти онҳо мусоидат мекунанд. Инчунин, ҳангоми гузаронидани тендерҳои савдо ҷиҳати хариди маҳсулот барои ниёзи давлатӣ, дар шароити баробар, ба таҳвилгарони ватанӣ, ки дорои сертификати низоми идоракунии сифат мебошанд, афзалият дода мешавад.

## 15. Маблағгузории Барномаи давлатӣ

38. Маблағгузории чорабиниҳо барои иҷрои Барномаи давлатӣ бо тартиби муқарраргардида аз ҳисоби маблағҳои пешбинигардидаи вазорату

идораҳо, корхонаҳо, грантҳои институтҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳои донорӣ амалӣ карда мешавад.

## 16. Натиҷаҳои пешбинишавандаи корҳо дар соҳаи тасдиқи мутобиқат

39. Барномаи давлатӣ ба сифати нишондиҳандаи асосӣ, ки дараҷаи рушди мамлакатро тавсиф менамояд, ташкил ва сертификатсияи низоми идоракунии сифат, ҳиссаи маҳсулоти сертификатсияшаванда дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатиро муайян намудааст.

Дар натиҷаи иҷрои чорабиниҳои Барномаи давлатии мазкур (замимаи 1) сертификаткунонии низоми менеҷменти сифат дар мутобиқат бо стандарти байналмилалии ИСО 9001, низоми идоракунии сифати маҳсулоти хӯроквории дар асоси принсипҳои Низоми байналмилалии идоракунии сифат ва амнияти маҳсулоти хӯроквории дар асоси принсипи Низоми таҳлили таваккалҳо ва назорати нуқтаҳои таҳдидомез (HACCP), Низоми идоракунии муҳити зист мутобиқ ба стандарти байналмилалии ИСО 14001 то охири соли дахлдор (бо натиҷаи афзуншаванда) ҷорӣ мегардад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки айни замон вазъи воқеии зиёда аз 119 корхонаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ (замимаи 2) имконияти гузаштан ба низоми сифат мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ доранд.

Замимаи 1
ба Барномаи давлатии
сифат барои солҳои 2013-2015

**Чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи давлатии сифат барои солҳои 2013-2015**

| Номгӯи чорабиниҳо | Иҷрокунандагон | Мӯҳлати иҷро солҳо | Манбаи маблағгузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|
| 1. Идоракунии сифат ва баланд бардоштани имконниятҳои содиротии молистеҳсолкунандагони ватанӣ | | | | |
| 1. Татбиқи Барномаи давлатии «Сифат» барои солҳои 2013-2015» | Вазорату идораҳо, корхонаҳо | 2013-2015 | Маблағҳои худии ташкилотҳои иҷрокунанда | Баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ис теҳсолшаванда |
| 2. Таъсис додан ва сертификатсиякунонӣ мутобиқи вазифаҳои муқарраршуда ва таъмин намудани фаъолият дар ташкилотҳои соҳаҳои гуногуни низоми менеҷменти сифат дар заминаи стандартҳои байналмилалии ИСО 9000, низоми идоракунии экологӣ дар заминаи стандарти байнал милалии ИСО 14000, низоми идоракунии сифати маҳсулоти ғизоӣ дар асоси принсипҳои Низоми байналмилалии идоракунии сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯроквории НАССР, ИСО 22000, аз ҷумла то охири соли дахлдор: соли 2013-на камтар дар 20 ташкилот; соли 2014-на камтар дар 35 ташкилот; соли 2015-на камтар дар 53 ташкилот. | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, корхонаҳо | 2013-2015 | Маблағҳои худии корхонаҳо | Баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ис теҳсолшаванда, ҳифзи муҳити зист |
| 2. Захира ва сарфаҷӯии энергетикӣ | | | | |
| Шарҳи стандартҳои техникии қонунгузории байналмилалӣ ва аврупоӣ дар соҳаи самаранокии энергетикӣ ва таҳияи дастури маълумотдиҳӣ барои | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва | 2013-2015 | Маблағҳои ташкилоти иҷрокунанда Барномаи | Мусоидат ҷиҳати кам намудани истифодаи захираҳо дар истеҳсолот ва хизматрасониҳо |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ташкилотҳои ҷумҳурӣ | нозироти савдо, Вазорати энергетика ва саноат | | «ИНОГЕЙТ» ЕС | |
| 4. Дар нақшаҳои тиҷоратии рушди ташкилотҳо дохил намудани қисми Сарфаҷӯии энергетикӣ», ки кам намудани ҳаҷми энергетикии маҳсулоти истеҳсолшаванда, ҳадди ниҳоии исти фодаи намудҳои сӯзишвории маҳаллӣ, аз ҷумла захираҳои энергетикии дуюмда раҷаро пешбинӣ менамояд. | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Вазорати энергетика ва саноат, корхонаҳо | 2013- 2015 | Маблағҳои худии ташкилотҳои иҷрокунанда | Баланд бардоштани самаранокии энергетикии маҳсулоти истеҳсолша ванда |
| 3. Рушди бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ дар соҳаи захира ва сарфаҷӯии энергетикӣ | | | | |
| 5. Таҳияи стандартҳои тавсиявии давлатии ташкилию методӣ ва умумитехникӣ дар соҳаи сарфаҷӯии энергетикӣ, ки нишондиҳандаҳои самаранокии энерге тикӣ ва усулҳои тасдиқи онҳоро муқаррар менамоянд | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои, Вазорати энергетика ва саноат | 2013 | Мутобиқи нақшаи стандарти-затсияи давлатӣ, Барномаи «ИНОГЕЙТ ЕС | Таъсис додани асосҳои методии ташаккули заминаи меъёрӣ дар соҳаи сар фаҷӯии энергетикӣ ва бамеъёрдарории нишондиҳанда-ҳои талаботи истифодаи энергия барои намудҳои мушаххаси маҳсулот |
| 6.Таҳияи стандартҳои давлатие, ки талаботро ба низомҳои идоракунии захираҳои энергетикии ташкилотҳо муқаррар менамоянд ва барои баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ ва афзоиши истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия равона шудаанд | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои, Вазорати энергетика ва саноат, | 2014 | Мутобиқи нақшаи стандартизатсияи давлатӣ, Барномаи «ИНОГЕЙТ» ЕС | Иҷрои вазифаҳо оид ба бехатарии энергетикӣ бо мақсади муқаррар наму дани талаботе ки ба истифодаи захираҳои энергетикӣ ва сертификат сияи низоми идоракунии захираҳои энергетикӣ таъсир мерасонад |
| 7.Таҳияи стандартҳои давлатие, ки талаботро ба асбобҳои баҳисобгирии масра фи газ, об, буғ ва дигар ҳомилони гармӣ муқаррар менамоянд | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, Вазорати энергети ка ва саноат, Вазорати мелиоратсия ва | 2013-2015 | Маблағҳои худии ташкилотҳои иҷрокунанда | Муқаррар наму дани талабот ба асбобҳои баҳисобгирии масрафи об, буғ ва дигар ҳомили гармӣ, ба сифати неруи гармӣ ҳангоми гуза ронидан ва интиқоли буғи об |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | захираҳои об | | | |
| 4. Рушди таъминоти метрологӣ ва заминаи техникии озмоишҳо дар соҳаи захира ва сарфаҷӯии энергетикӣ | | | | |
| 8. Гузаронидани корҳо оид ба таъминоти метрологии самара нокии энергетикӣ:<br>- таъсис додани низоми автоматикунонидашудаи баҳи собгирии энергияи корхонаҳо, ноҳияҳо таҳияи тартиби гузаронидани хизматрасонии метрологии низоми автоматику нонидашудаи баҳи собгирии энергия таъмин намудани санҷиши асбобҳои баҳисобгирии энер гияи барқ ва гармӣ, газ ва об аз рӯи нақшаи баистифода диҳии нуқтаҳои нави сохтмонӣ ва иҷрои барномаҳои давлатии тавассути асбобҳо баҳисобгирии захи раҳои асосии энер гетика,<br>- таҳияи пешниҳодҳо оид ба таъмини метрологии техноло гияҳои нав, истифо даи манбаъҳои бар қароршавандаи энер гия (намудҳои нави сӯзишворӣ), намуд ҳои сӯзишвории маҳаллӣ | Агентии стан дартизатсия, метрология сертификатсия ва нозироти савдои, Вазо рати энергетика ва саноат, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | 2013-2015 | Маблағҳои худии ташкилотҳои иҷрокунанда, ташкилотҳои донорҳо, грантҳо | Истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ, паст намудани талафоти беасос ва исрофи барзиёд |
| 9. Такмил додани озмоишгоҳҳо оид ба назорати хусусияти физикию кимиёвии маводи сӯзишворию молиданӣ, ҳамчунин ҷиҳозонидани онҳо бо воситаҳои ченку нии шумораи октании бензин | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо | 2013-2015 | Маблағҳои вазорату идораҳо ки дар буҷети давлатӣ пешбинӣ шудаанд, маблағҳои ташки лотҳои донор, грантҳо | Таъмини назорати сифати бензине, ки дар ҷумҳурӣ ба муомилот бароварда мешавад |
| 10. Таҳияи стандартҳои давлатӣ ба намудҳои алтернативии сӯзишворӣ (ангишт, брикетҳои хоҷагӣ, сӯзишворӣ дегхонаҳо ва ғ.) | Вазорати энергетика ва саноат, корхонаҳо | 2013- 2015 | Мутобиқи нақшаи стандар тонии давлатӣ | Баланд бардош тани самарано кии истифодаи манбаъҳои барқароршаванда |
| 11. Таҳияи стандарт ҳои давлатӣ ва | Агентии сохтмон ва | 2013-2015 | Мутобиқи | Баланд бардош тани самаранокии |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| меъёрҳои сохтмонӣ ва ҳуқуқӣ, ки талаботро ҳангоми банақшагирӣ, сохтмон ва таҷдиди биноҳо ва иморатҳо дар қисми сарфаҷӯии энергетикӣ ва ҳифзи гармӣ энергиясамаранокӣ муқаррар мекунанд | меъморӣ | | накшаи стандар тонии давлатӣ, маблағи ташкилотҳои донорӣ, грантҳо | энергетикии биноҳо ва иморатҳо |
| 12. Ҳамоҳангсозӣ ва таҳияи стандартҳои давлатӣ дар соҳаи энергетика мутобиқи талаботи стандарт ҳои байналмилалӣ ва аврупоӣ | Агентии стан дартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, Вазорати энерге тика ва саноат, вазорату идораҳои соҳавӣ | 2013-2015 | Маблағҳои худии ташкилотҳои иҷроку нанда, Барномаи «ИНОГЕЙТ» ЕС | |
| 13. Тайёр намудан ва аккредитатсияи озмоишгоҳҳо барои санҷиши хусусиятҳои энергетикии биноҳо ва иморатҳо. Аккре дитатсияи мақомоти сертификаткунонии биноҳо ва имораҳо | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, Агентии сохтмон ва меъморӣ, вазо рату идораҳои манфиатдор | 2013-2015 | Маблағҳои корхонаҳои дархосткунанда | |
| 5. Баланд бардошатани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти хӯрокворӣ ва кишоварзӣ | | | | |
| 14. Гузаронидани корҳо оид ба серти фикатсияи истеҳсоли маҳсулот тибқи талаботи НАССР, ИСО22000 | Агентии стан дартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо | 2013-2015 | Маблағҳои худии корхонаҳои дархост кунанда | |
| 15. Таҳияи регла ментҳои техникӣ ва стандартҳои давлатии ба онҳо алоқаманд барои маҳсулоти хӯрокворӣ ва кишоварзӣ, ки бо стандартҳои байнал милалӣ ҳамоҳанг шудаанд | Агентии стан дартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, вазо рату идо раҳои дахлдор | 2013-2014 | Маблағҳои вазорату идораҳои дахлдор, ки дар буҷети давлатӣ пешбинӣ шудаанд | Истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва ҳимояи бозори дохилӣ аз воридоти маҳсулоти бесифат ва зараровар |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 16. Таҳияи қоидаҳои санитарию байторӣ, ки талаботи бехатариро барои корхонаҳои коркарди саноати хӯрокворӣ муто биқи талаботи байналмилалӣ муқаррар менамоянд | Вазорати тандурустӣ, Вазорати кишоварзӣ | 2013-2014 | Маблағҳои вазорату идораҳои дахлдор, ки дар буҷети давлатӣ пешбинӣ шудаанд | Баланд бардош тани сифат, бехатарӣ ва рақобатпазирии маҳсулот |
| 17. Таҳияи стандарт ҳои давлатӣ дар доираи истеҳсоли афшураҳо ва консерваҳо, ки бо стандартҳои байналмилалӣ ва ҳуҷҷатҳои технологӣ асоснок шудаанд | Вазоратиэнер гетика ва саноат, Агентии стандартизатсия, метроло- гия, сертификатсия ва нозироти савдо | 2013-2014 | Маблағҳои худии ташкилотҳои иҷрокунанда | Бартараф наму дани монеаҳои техникӣ дар савдо, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва имкониятҳои содиротии ташки-лотҳо, ҳимояи бозори дохилӣ аз воридоти маҳсулоти бесифат ва зараровар |
| 18. Мавҷуд будани стандартҳои давлатӣ барои маҳсулоти ордии нимтайёр | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо | 2013-2015 | Маблағҳои худии ташкилотҳои иҷрокунанда | Баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот |
| 19. Таҳияи маҷмӯи стандартҳои давлатӣ барои намудҳои нави маҳсулоти аз кар-тошка тайёршаванда | Агентии стан-дартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо | 2013-2014 | Маблағҳои худии ташкилотҳои иҷрокунанда | Зиёд кардани намудҳои маҳсулот, баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот |
| 6. Баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии молҳои саноати сабук | | | | |
| 20. Ҷорӣ намудани технологияи нави истеҳсоли намудҳои муосири молҳои сифатан баланди саноати сабук | Вазорати энергетика ва саноат, корхонаҳои соҳавӣ | 2013-2015 | Маблағҳои худии ташкилотҳои иҷрокунанда | Тавсеа ва нав намудани анвои молҳои саноати сабук |
